**Суратмаҷлиси №3/1**
**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 24.10.2023 с. ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Миралиев И.Қ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., муаллимони калон Холиқова О.А., ва Исматова М.Ҳ., ва ассистентон Азимов С.Ш., Ализода С.О., Холиқов Н.А., Бобозода У.Э. ва лаборантони кафедра Иброҳимзода Ш.Ҳ. ва Сайфуддинзода Ф.С.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**1. Муҳокимаи рисолаи доктории дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», мушовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш.**

Мудири кафедра Саъдизода Ҷ. қайд намуд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи доктории дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», мушовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Миралиев И.Қ. дода шуд. **(Баромад замима мегардад)**

Баъди баромади Миралиев И.Қ аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш пешниҳод намуд.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устодони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Сафарзода Б.А. ва д.и.ҳ., профессор

Раҳмон Д.С. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Миралиев И.Қ. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуданд, ки таҷдидро тақозо менамоянд. Дар умум қайд намуд, ки рисола кори илмии анҷомёфта мебошад.

Мудири кафедра Саъдизода Ҷ. қайд намуд, ки д.и.ҳ., профессори кафедра Сафарзода Б.А. аз сабаби дар муҳокимаи рисолаи доктори бевосита иштирок надоштанаш андеша ва таклифу тавсияҳояшро ба тариқи инфиродӣ ба унвонҷӯ пешниҳод менамояд.

Профессори кафедра, д.и.ҳ. Раҳмон Д.С. дар навбати худ қайд намуд, ки рисола дар маҷмуъ дар сатҳи хуб қарор дорад. Баъзе камбудиҳо ва норасоиҳое, ки дар муҳокимаҳои қаблӣ ҷой доштанд, аз ҷониби унвонҷӯ бартараф карда шудаанд.

Ҳамзамон дотсентони кафедра Саъдизода Ҷ., Бобоева Н.И., Шоев Ф.М., Искандаров Ш.Ф. оид ба рисолаи доктории унвонҷӯ андешаҳои мусбати худро баён намуданд. Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи доктории дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», мушовири илмӣ д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.
2. Ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Миралиев Исфандиёр Қарахонович хулосаи мусбати кафедра дода шавад. **(Хулосаи кафедра замима мегардад)**

Бо ҳамин ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, н.и.ҳ., дотсент:** **Саъдизода Ҷ.**

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Котиби маҷлис, лаборанти кафедра:** **Иброҳимзода Ш.Ҳ.**

27.10.23